# НАҚШАИ СТРАТЕГИИ БУҶЕТӢ

**113***** Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон**
*Соҳаҳои меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ (аз ҷумла, таҳсилоти касбӣ)*

| | | |
|---|---|---|
| Муовини Вазир / Роҳбари муассиса | (Имзо) | **Қ. Давлатзода** |

**1. Ҳадафҳои стратегӣ ва ваколатҳо:**

Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи салоҳияти худ таҳия, танзим ва татбиқи сиёсати давлатиро дар соҳаҳои меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути иҷрои нақша ва барномаҳои милливу соҳавӣ, нақшаҳои амалиёти вазорат ва нақшаҳои байниидоравӣ амалӣ менамояд. Бо ин мақсад фаъолияти вазорат ва сохторҳои дахлдор ҷиҳати танзим ва таъмини самаранокии рушди бозори меҳнат, равандҳои муҳоҷирати дохиливу беруна, таъмини шуғли аҳолӣ ва фарогирии шаҳрвандон ба касбомузӣ равона мешавад.

Вазорат дар фаъолияти худ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Низомномаи мазкурро дастури амал қарор медиҳад.

Вазорат фаъолияти худро дар ҳамкорӣ бо мақомоти марказии ҳокимияти иҷроияи давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ, ҷамъиятӣ ва дигар ташкилотҳо ба роҳ монда, дар асоси муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаҳои муқарраргардида фаъолият менамояд.

Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаҳои меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ барои дастрасӣ ба ҳадафҳои стратегии миллӣ ва инчунин Ҳадафҳои рушди устувор равона мешавад. Вазоарти меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фаъолияти худ низ ба ҳуҷҷатҳои стратегии миллӣ такя намуда, ҷиҳати дастрасӣ ба ҳадафҳои стратегӣ нақша ва вазифаҳои афзалиятноки рушди соҳаро муайян ва амалӣ менамояд.

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ҳадафи олии рушди дарозмуҳлати Тоҷикистон **баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардуми кишвар бар пояи таъмини рушди устувори иқтисодӣ** маҳсуб мeёбад. Барои ноилшавӣ ба ин ҳадафи олӣ ҳадафҳои зерини стратегии рушд барои 15 соли оянда муайян шудаанд:

а) таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши неруи барқ;

б) раҳой аз бунбасти коммуникатсионӣ, ва табдил ба кишвари транзитӣ;

в) таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат;

г) вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсул.

Дар ин раванд фаъолияти Вазорат ва сохорҳои он барои дастрасӣ ба ҳадафҳои мушаххаси зерин сафарбар карда мешавад:

ҲРУ 8: Мусоидат ба рушди устувор, фарогир ва устувори иқтисодӣ, шуғли пурра ва самаранок ва кори шоиста барои ҳама

ҲРУ 4: Таъмини таҳсилоти босифати фарогир ва одилона ва пешбурди имкониятҳои омӯзиши якумрӣ барои ҳама

ҲРУ 5: Ба баробарии гендерӣ расидан ва тавонмандсозии ҳамаи занону духтарон.

Ҷиҳати таъмин намудани дастрасӣ ба ҳадафҳои стратегии миллӣ вазифаҳо ба таври зайл барои давраи миёнамуҳлат муайян шудаанд:

***а) дар соҳаи муносибатҳои меҳнатӣ ва сатҳи зиндагии аҳолӣ:***

- вазъи сатҳи зиндагии аҳолиро меомӯзад, таҳлил ва арзёбӣ намуда, дар асоси ташаккули сиёсат оид ба даромадҳо барои мӯътадилӣ ва болоравии сатҳи зиндагии аҳолӣ чорабиниҳо таҳия менамояд;
- якҷоя бо вазорату идораҳои дахлдор пешниҳодҳоро оид ба андозаи ҳадди ақали музди меҳнат, кӯмакпулиҳо ва стипендияҳо омода мекунад;
- таснифгари умумидавлатии касбҳои коргарон ва мансабҳои кормандонро бо тартиби муқарраргардида таҳия намуда, барои тасдиқ ба мақомоти дахлдор пешниҳод менамояд ва онро пеш мебарад;
- оид ба такмили системаи пардохти музди меҳнати кормандон дар доираи созишномаҳои тарифӣ ва шартномаҳои коллективӣ пешниҳодҳо таҳия месозад;
- тарификатсияи корҳо, касбҳо ва вазифаҳоро анҷом медиҳад, заминаи меъёрии ҳуқуқии меъёрбандӣ ва пардохти музди меҳнатро таҳия менамояд;

***б) дар соҳаи муҳоҷирати аҳолӣ:***

- оид ба ташаккули сиёсати давлатии муҳоҳирати аҳолӣ барномаҳои дахлдорро таҳия ва корҳоро ҷиҳати татбиқи онҳо ташкил менамояд;

- дурнамои раванди муҳоҷирати дохилӣ ва хориҷиро меомӯзад ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таклифҳо пешниҳод менамояд;
- фаъолияти вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, муассиса ва ташкилотҳоро дар соҳаи муҳоҳирати аҳолӣ ҳамоҳанг месозад;
- фаъолиятро дар самти ҷалб ва сафарбаркунии муташаккилонаи муҳоҷирони меҳнатӣ ба хориҷи ҷумҳурӣ ташкил менамояд;
- дар доираи салоҳияти худ назорат ва санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидорро дар самти бо кор таъмин кардани шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷи кишвар ва бо кор таъмин кардани шаҳрвандони хориҷӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил менамояд;

***в) дар соҳаи бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ:***

- мунтазам вазъи бозори меҳнат ва шуғли аҳолиро таҳлил ва пешгӯӣ менамояд ва истифодаи босамари захираҳои меҳнатиро амалӣ менамояд;
- оид ба таҳия ва татбиқи сиёсати давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ дар асоси таҳлил ва дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, вазъи бозори меҳнат пешниҳодҳо омода месозад.
- Барномаҳои давлатӣ, минтақавӣ ва маҳаллии мусоидат ба шуғли аҳолиро таҳия ва назорати татбиқи онҳоро анҷом медиҳад, аз ҷумла: Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ, Консепсияи рушди шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 ва барномаҳои миёнамуҳлати татбиқи он, Барномаи касбомузии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 ва ғ.
- низоми шаҳодатномакунии малакаҳои касбии дар ҷараёни фаъолияти меҳнатӣ бадастомадаро барои шаҳрвандон ташкил менамояд;
- фаъолияти маблағгузории хурдро бо мақсади таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва рушди худиштиғолӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд, аз ҷумла тариқи пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок ҷиҳати ба соҳибкории худ машғул шудани шаҳрвандони бекор;
- ҷиҳати қонеъ гардонидани талаботи шаҳрвандон барои касбомузӣ аз рӯи самтҳои асосии фаъолияти самараноки ҷамъиятӣ мувофиқи номгӯи касбу ихтисосҳои Стандарти давлатии салоҳият шароит муҳайё менамояд;
- роҳбарии мутамарказонидашудаи низоми тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзии шаҳрвандони бекорро ба роҳ мемонад;
- омӯзиш, азнавтайёркунии касбиро тавассути марказҳои таълими калонсолон, марказҳои таълимии низоми вазорат ташкил менамояд;
- таълими истеҳсолиро дар устохонаҳои таълимию истеҳсолӣ, лабораторияҳо, озмоишгоҳҳои таълимӣ, хоҷагиҳои таълимию таҷрибавии марказҳои таълими калонсолон, инчунин дар коргоҳҳои корхонаҳо, таълимгоҳҳои онҳо, иншоотҳои сохтмонӣ ва ғайра ба роҳ мемонад;

- барои мустаҳкам намудани заминаҳои моддию таълимии марказҳои таълими калонсолон бо ҷалби шарикони рушд ва ё сармоягузорони ватанию хориҷӣ чорабиниҳо таҳия ва амалӣ менамояд;
- мониторинги сифати таълими калонсолонро ташкил ва ба роҳ мемонад;
- сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҳунармандиро амалӣ намуда, фаъолияти субъектҳои ҳунармандиро ҳамоҳанг месозад;
- феҳристи ҳунармандиро пеш бурда, якҷо бо мақомоти дахлдор шаклҳои омори баҳисобгирии ҳунармандонро таҳия ва ҷорӣ менамояд;
- таълим ва омодасозии кадрҳоро дар соҳаи ҳунармандӣ дар марказҳои таҳсилоти калонсолон ташкил менамояд;
- конференсияҳо, намоиш-ярмаркаҳо ва озмунҳо вобаста ба ҳунармандиро баргузор менамояд;

***д) тибқи тартиби муқараргардида дар муносибатҳои байналмилалӣ вобаста ба соҳаи муқараргардидаи фаъолият иштирок менамояд.***

**2. Ҳолати кунунӣ ва мушкилоти асосӣ**

**Сиёсати давлатӣ дар соҳаи меҳнат.**Мунтазам вобаста ба масъалаҳои тақвияти сатҳи зиндагии аҳолӣ ва доир ба танзими он  мунтазам чораҳои зарурӣ амалӣ карда мешаванд.

Дар ҳамин раванд, татбиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи ҳамкорӣ байни шарикони сетарафаи Ҷумҳурии Тоҷикистон  ва Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат оид ба меҳнати арзанда барои солҳои 2024-2029, ки дар доираи татбиқи Ҳадафҳои рушди устувор, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи солҳои 2016-2020 ва дигар санади меъёрии ҳуқуқии соҳаи меҳнат, шуғли аҳолӣ ва  ҳифзӣ иҷтимоӣ таҳия гардидааст, барои рушди устувори иҷтимоию иқтисодии мамлакат бо роҳи танзими муносибатҳои меҳнатӣ мутобиқи стандартҳои байналмилалӣ, инкишофи шуғли самаранок, таъмини ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва пешрафти минбаъдаи муколамаи иҷтимоӣ равона гардидааст, амалӣ карда мешавад. Меҳнати арзанда ин воситаи таъмин намудани рушди устувори кишвар ва ҳадафи ниҳоии он ба ҳисоб рафта, барнома ҳамчун воситаи асосӣ барои ноил гардидан ба ҳадафҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа  мусоидат менамояд.

Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Барномаи миллӣ оид ба барҳамдиҳии шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдакон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2028” ки аз меъёрҳои пешбинигардидаи татбиқи иҷрои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ухдадориҳои байналмилалии қабулнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумла,  Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2016, №392 тасдиқ шудааст, Ҳадафҳои рушди устувори Созмони Милали Муттаҳид, ки соли 2000 Тоҷикистон ба он ҳамроҳ шуд,  Консепсияи рушди шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 майи соли 2022,  **№266 тасдиқ шудааст,** қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 марти соли 2014,  **№ 169** «Дар бораи Рӯйхати корҳо, ки

дар онҳо истифодаи меҳнати кормандони ба синни ҳаждаҳ нарасида манъ карда мешавад ва ҳадди ниҳоии меъёри борҳое, ки барои онҳо дастӣ бардоштан ва кашондан иҷозат дода мешавад» иҷрои муқаррароти Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак, конвенсияҳои Ташкилоти Байналхалқии Меҳнат (ТБМ) №138 "Оиди ҳадди ақали синну сол барои ба кор қабул кардан" (с.1993), №182 "Оиди манъ кардан ва аз байн бурдани шаклҳои хатарноки меҳнати кӯдакон"(с.2005) ва Тавсияномаи Ташкилоти Байналхалқии Меҳнат №190 "Оиди манъ намудан ва чораҳои зарурӣ андешидан ҷиҳати нест кардани шаклҳои бадтарини меҳнати ноболиғон бо ташаккул ёфтани муносибатҳои меҳнатӣ дар бозори меҳнат" бар меояд амлӣ карда мешавад.

Айни ҳол новобаста аз чораҳои андешидашуда батанзимдарории ҳифзи меҳнати ноболиғон дар корҳои шароиташон номусоид, ки ба саломатӣ ё рушди онҳо зиёни маънавию рӯҳӣ мерасонанд, мавриди нигаронии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташкилотҳои байналхалқӣ қарор гирифтааст.

Соли 2023 дар натиҷаи ҳамаи назорату санҷишҳои анҷомёфта аз ҷониби Хадамоти давлатии назорат дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии вазорат 13183 адад қонунвайронкуниҳо ошкор гардиданд, ки аз ин 9517 ҳолат ба масъалаҳои меҳнат, 2498 ҳолат ба масъалаҳои бехатарии меҳнат ва риояи стандартҳо, 76 ҳолат ба масъалаҳои муҳоҷират ва 1092 ҳолат ба масъалаҳои шуғли аҳолӣ иртибот дорад.

Ҳамзамон ҷиҳати татбиқи супоришҳо ва қарорҳои дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти **танзими равандҳои муҳоҷирати аҳолӣ** чорабиниҳои аниқшуда амалӣ карда мешаванд.

Стратегияи танзими равандҳои муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040, ки мақсад ва вазифаҳо, таҳлили вазъи кунунӣ, мушкилот, нишондиҳандаҳо, самтҳои асосӣ ва механизмҳои амалисозии сиёсати давлатии муҳоҷиратии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян мекунад, амалӣ карда мешавад.

Аз ҷумла, соли фаъолият дар соли 2023 дар самти иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2021, №518 «Дар бораи тартиби амалӣ намудани муҳоҷирати дохилии аҳолӣ аз ноҳияҳои камзамин ва сераҳолии кӯҳистон ба водиҳои дорои заминҳои бекорхобидаи ҷумҳурӣ дар солҳои 2022-2024» ба роҳ монда шуда, ба 303 оилаи муҳоҷирони дохилӣ бо қитъаи замини наздиҳавлигӣ барои сохтмони манзили истиқоматӣ таъмингардида, 1515000 (як милиону панҷсаду понздаҳ ҳазор) сомонӣ қарзи имтиёзнок тавассути сохторҳои КВД "Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон "Амонатбонк" дар шаҳру ноҳияҳои қабулкунандаи муҳоҷирон барои пардохт интиқол дода шуд.

Дар самти иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 ноябри соли 2020, №648 «Дар бораи Нақшаи миёнамуҳлати муташаккилона кӯчонидани муҳоҷирони экологӣ барои солҳои 2021-2023» барои ҳалли масъалаҳои муҳоҷирати экологӣ барои соли 2023 дар маҷмуъ ба 225 хоҷагӣ қитъаи замини наздиҳавлигӣ барои сохтмони манзили истиқоматӣ ҷудо гардидааст, ки 97 фоизи нақшаи солонаро ташкил дод.

**Рушди шуғли пурмаҳсул ва танзими бозори меҳнат.** Доир ба масъалаи коҳиш додани сатҳи бекорию баланд бардоштани сатҳи шуғлнокии аҳолӣ ва расидан ба ҳадафҳои стратегии давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон диққати аввалиндараҷа дода мешавад. Бо ин мақсад Консепсияи рушди шуғли пурмаҳсули Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ифодагари мундариҷаи сиёсати давлатӣ дар самти

рушди минбаъдаи шуғли бомаҳсули аҳолӣ дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва бо мақсади мусоидат намудан ба татбиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (СМР-2030), ки дар он сиёсат дар соҳаи васеъ гардондани шуғли бомаҳсул ҳамчун яке аз чор афзалиятҳои асосии рушди кишвар муқаррар гардидааст, татбиқ карда мешавад.

Дар робита ба ҳамин, Барномаи миёнамуҳлати рушди шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027 моҳи августи соли 2023 тасдиқ гардида, мавриди татбиқ қарор дорад. Мутобиқи нақшаи амали барномаи мазкур ҷиҳати коҳиш додани шуғли ғайрирасмӣ ва расмикунонии он пешбинӣ гардидааст.

Инчунин, иҷрои Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027 ба роҳ монда шуда, самаранок иҷро гардидани чорабиниҳои он мунтазам мавриди мониторинг қарор дода мешавад. Аз ҷумла дар соли 2023 ба мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ 142254 нафар шаҳрванд муроҷиат намуд, ки аз ин шумора 106579 нафари онҳо ҳамчун корҷӯ ба қайд гирифта шуда, ба 60305 нафар расман мақоми бекорӣ дода шуд. Тавассути татбиқи чорабиниҳои Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ дар маҷмуъ 72798 нафар шаҳрванд бо ҷойҳои корӣ таъмин гардиданд. Аз ҷумла, тавассути ҷойҳои кории бандшуда (квотаҳо) 8417 нафар ва ба воситаи ташкили корҳои фардӣ 2802 нафар соҳиби ҷойи кор шуданд. Дар асоси шартномаҳои тарафайн бо корхонаву ташкилотҳо 6261 нафар ба корҳои ҷамъиятии музднок сафарбар шуда, 20700 нафар тибқи роҳхатҳои мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар марказҳои таълими касбии системаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ ба омӯзиши касбӣ фаро гирифта ва ба 15714 нафар кӯмакпулӣ барои давраи бекорӣ таъин ва пардохт гардидааст. Аз ҷониби мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар соли ҳисоботӣ бо мақсади мусоидат намудан ба шаҳрвандон барои дарёфти ҷойи кор 1003 маротиба ярмаркаи ҷойҳои кории холӣ ва вазифаҳои озод гузаронида шудааст, ки дар натиҷа 23615 нафар шаҳрванди бекор ва корҷӯ ба намудҳои гуногуни шуғл ҷалб шудаанд. Аз ҷумла, тавассути ташкил ва баргузор намудани ярмаркаҳо 12597 нафар корҷӯ соҳиби ҷойи кор гардида, ба 9019 нафар роҳхат барои касбомӯзӣ дода шуд ва 1999 нафар ба иҷрои корҳои ҷамъиятии музднок сафарбар гардидаанд. Ҳамин тавр, дар соли 2023, дар маҷмуъ 215293 нафар аз хизматрасониҳои давлатии мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ истифода намуданд.

## 3. Асоснокукунии вазифаҳое, ки барои дастрасӣ ба ҳадафи стратегӣ ба нақша гирифта мешаванд.

Ҳадафу вазифаҳои стратегӣ ва сиёсати давлатӣ дар соҳа дар чорчубаи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барнома ва нақшаҳои дароз ва миёнамуҳлати милливу соҳавӣ муайян карда мешавад ва дар фаъолияти сохторҳои соҳавӣ ҷиҳати иҷро ва дастрасӣ ба ҳадафҳои стратегӣ асоси банақшагирии амалӣ мебошад.

Вазифаҳои асосӣ барои давраи миёнамуҳлат:

- Татбиқи **Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон** дар асоси Нақшаи амал барои солҳои 2023-2027 мунтазам татбиқ гардида, маблағгузории он аз ҳамаи сарчашмаҳо ба таври зайл ба нақша гирифта шудааст:

| солҳо | ФҲИҶТ | Буҷети ҷумҳурявӣ | Буҷети маҳаллӣ ва сарчашмаҳои дигар |
|---|---|---|---|
| 2023 | 20000,0 | 17505,0 | 4226,1 |
| 2024 | 21500,0 | 17698,5 | 4676,9 |
| 2025 | 23220,0 | 17892,0 | 5026,0 |
| 2026 | 25089,9 | 18900 | 5377,8 |
| 2027 | 26630,4 | 20340,0 | 5754,3 |

- Пешниҳоди Таъсиси филиалҳои маркази таълими калонсолон дар минтақаҳои дурдаст ва куҳистони кишвар (банди 31 Нақшаи амал оид ба татбиқи Барномаи мазкур,замимаи 2 ба қарори ҲҶТ №135 аз 28 марти соли 2023)
- Татбиқи тадбирҳои Нақшаи амалисозии Барномаи касбомӯзии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025.
- **Дастрасӣ ва иштироки баробар дар таҳсилоти касбӣ.** Тибқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ на кам аз 30% хатмкунандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ (ҳамасола 58 000 нафар) бояд ҷалб карда шаванд. Бо дарназардошти зарурати рушди низоми бозомӯзӣ, такмили ихтисоси коргарони зинаи миёна ва муҳоҷирони меҳнатӣ сарбории низоми таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ на кам аз ду маротиба афзоиш хоҳад ёфт. Ҷиҳати дастрасӣ ба ҳадафи мазкур ҳамасола нақшаи фарогирии шаҳравандони ҷумҳурӣ бо барномаҳои касбомузӣ таҳия ва татбиқ мешавад. Нақшаи фарогирӣ аз ҳисоби манбаҳои гуногуни маблағгузорӣ амалӣ карда мешавад. Ҷиҳати таъмин намудани иҷрои ҳадафи мазкур инчунин аз ҳисоби маблағҳои Буҷети давлатӣ тадбирҳои мушаххас амалӣ мешаванд. Таҳия ва иҷрои онҳо дар раванди банақшагирии буҷет пешниҳод гардида, тибқи талаботи қонунгузории амалкунанда таъмин карда мешавад.

Барномаи дастгирии буҷет бо мақсади иҷрои шартҳои **Барномаи дастгирии буҷети Иттиҳоди Аврупо** таъмин намудани марказҳои таълими калонсолон бо таҷҳизоти муосири таълими истеҳсолӣ барои 20 ихтисоси афзалиятнок, ки дар асоси Стандартҳои салоҳият амалӣ карда мешаванд, тадбири афзалиятнок ба ҳисоб меравад. Вазифаҳои афзалиянток барои давраи миёнамуҳлати банақшагирӣ дар ин самт:

- барои муҷҷаҳазгардон марказҳои таълими калонсолон мутобиқ ба стандартҳои салоҳиятнокӣ,

- таъмир ва тармими марказҳо ҷиҳати таъмин намудани фарогирии шахсони эҳтиёҷоти махсусдошта;

- ташаккули Низоми иттилоотии идоракунӣ;

- рақамикунонии муассисаҳои таълимӣ.

Ҳачми умумии ин дархост ба андозаи 14 450 ҳазор сомонӣ ҳисоб карда шудааст.

Ҷиҳати таъмин намудани пардохти пурра ва саривақтии музди меҳнати кормандон, ки дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №5 аз 13.01.2024 зиёдшавии он татбиқ мешавад, маблағҳои иловагӣ ҳисоб шудааст. Маблағи мазкур дар дархости буҷетӣ ба инобат гирифта шуда, дар мавриди тасдиқи он саривақт ва ба пурраги пардохт карда хоҳад шуд.

**Дастгирии давлатии муҳоҷират.**

Бо мақсади инкишофи минбаъдаи соҳаҳои хоҷагии халқ, аз худ намудани заминҳои бекорхобида ва даштҳои нокорам, эҳё ва рушди минбаъдаи иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, бо дарназардошти бӯҳрони молиявию иқтисодии ҷаҳонӣ дар дохили кишвар зиёдтар таъмин намудани сокинон бо ҷойи кор ва мусоидат намудан ба паст кардани шиддати бекорӣ, дар асоси пешниҳоди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ВМКБ, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳоҷирати дохилии аҳолӣ аз ноҳияҳои камзамин ва серахолии кӯҳистон ба водиҳои дорои заминҳои бекорхобидаи ҷумҳурӣ дар солҳои 2025-2029”. Мутобиқи пешниҳоди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ВМКБ, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо дар давоми солҳои 2025-2029 дар ҷумҳурӣ 1735 оила муҳоҷирони дохилӣ пешниҳод гардид, аз ҷумла ВМКБ 50 оила, вилоятҳои Суғд 935 оила, Хатлон 380 оила ва НТҶ 370 оила.

Бояд қайд намуд, ки тадбири мазкур ба рушди соҳаи боғдорӣ, парвариши картошка, занбӯри асалпарварӣ, чорводорӣ, мусоидат намуда, ба истифодаи самараноки замин ва кӯчонидани муҳоҷирони ихтиёрӣ аз ноҳияҳои камзамини кӯҳистон ва серахолӣ ба водиҳои дорои заминҳои бекорхобидаи ҷумҳурӣ равона мешавад.

Тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 феврали соли 2024, №69 “Дар бораи нақшаи миёнамуҳлати муташаккилона кӯчонидани муҳоҷирони экологӣ барои солҳои 2024-2026” бояд соли 2024 аз минтақаҳои хавфнок ба мавзеъҳои бехавф 175 хоҷагӣ кӯчонида шаванд, аз ҷумла; аз ВМКБ -11 хоҷагӣ, вилояти Суғд-55 хоҷагӣ, вилояти Хатлон-48, шаҳри Душанбе-2 хоҷагӣ ва НТҶ-59 хоҷагӣ.

Танзими давлатии муҳоҷирати муташаккил ба Федреатсия Россия, татбиқи тадбирҳои дастгирии таълимӣ, тиббӣ ва ҳуқуқии муҳоҷирони муташаккилона ба корҳои мавсимӣ ҷалбшаванда. (Дар асоси Протоколи гуруҳи экпертии байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия) (1 млн. сомони пешбинӣ шудааст барои ташкили ташхиси тиббии пеш аз сафар.)

**4. Нишондиҳандаҳои(шохиси) дарозмуҳлати (ниҳоии) натиҷанокӣ барои ҳар яке аз ҳадафҳои стратегии соҳа. (Стратегияи милли рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030**

| | Номгуи нишондиҳанда | Воҳиди ченак | 2015 | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | 2020 | 2025 | 2030 |
| | **Таъсис додани ҷойҳои нави кории доимии пурмаҳсул** | ҷой | 61 ҳазор | Ҳамасола на кам аз 10 ҳазор | | |
| | **Ҳиссаи шахсони дорои таҳсилоти касбӣ дар байни аҳолии ба кор машғул,** | % | 26 | На кам аз 30 | На кам аз 50 | На кам аз 60 |
| | **аз ҷумла дар байни занон** | % | 20 | На кам аз 24 | На кам аз 40 | На кам аз 50 |
| | **Афзоиши музди меҳнати воқеӣ (афзоиши миёна дар як сол)** | % | 0,6 | 5 | | |
| | **Таносуби музди меҳнати занон бо музди меҳнати мардон** | % | 62 | 65 | 70 | 75 |
| | **Сатҳи камбизоатӣ** | % | 31 | 20 | 18 | 15 |
| | **Ҳиссаи шуғл дар бахши ғайрирасмӣ** | % | 40 | 37 | 35 | 30 |
| | **Дастрасии иқтисодӣ ба маҳсулоти хӯрокворӣ (ҳиссаи хароҷоти аҳолӣ барои озуқа аз ҳаҷми умумии даромад)** | % | 55-56 | 52-50 | 47-45 | 42-40 |